ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

УДК:159.9. 019

ББК: 87. 3 (2)

А-62

Бо ҳуқуқи дастнавис

АМИРБЕКОВА ИҚЛИМА ҶАБОРОВНА

ТАЪЛИМОТИ МАШШОИЯИ ШАРҚӢ ДАР БОРАИ ЗАН

АВТОРЕФЕРАТИ

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа

ДУШАНБЕ – 2023

Диссертатсия дар кафедраи онтология ва назарияи маърифати факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст

Роҳбари илмӣ: **Худойдодзода Фаррух Бегиҷон** – доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи онтология ва назарияи маърифати Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Муқарризони расмӣ: **Маҳмадҷонова Муҳиба Талатҷоновна** – доктори илмҳои фалсафа, профессор, сарходими илмии шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ

Сулаймонов Баҳманёр Сайдиҳсонович – номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Муассисаи пешбар: Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Ҳимояи диссертатсия «06» апрели соли 2023 соати 14:00 дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-029 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон баргузор мегардад. Суроғa: 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ 17.

Бо диссертатсия дар сомонаи www.tnu.tj ва китобхонаи марказии илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «_____» _____ соли 2023 аз рӯйи феҳристи пешниҳодшуда ирсол карда шудааст.

Котиби Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои фалсафа, профессор **Худойдодзода Ф.Б.**

МУҚАДДИМА

Мубрамияти мавзӯи таҳқиқот. Шумораи занон дар ҷаҳон ҳадди ақал нисфи шумораи умумии аҳолии рӯйи заминро ташкил медиҳад. Ҳарчанд зан дар ҳар давру замон ва дар ҳар кишваре корҳои мушкилтарин ва барои ҳаёти ҷомеа муҳимтаринро иҷро мекард, аммо дар тамоми тӯли таърихи гузаштаи башарият ҷойгоҳ ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ нисбат ба мард хеле тангу маҳдуд буд. Танҳо дар замони муосир дар партави инқилобҳои фарҳангӣ ва густариши ғояи озодӣ ва баробарҳуқуқии инсон новобаста аз мансубияти ҷинсӣ, динӣ, миллӣ ва нажодӣ, ҳаракати феминистӣ сурат гирифт ва зан барои тарвиҷу таҳкими мақому нақшҳо ва ҳуқуқу озодиҳои фардию иҷтимоии худ, балки расман ва воқеан тасдиқу татбиқ шудани баробарҳуқуқии худ бо мард садо баланд кард ва ба муборизa бархост. Дар пайомади ин равандҳо дар тамоми кишварҳо ва ҷомеаҳои миллии ҷаҳон дар нигариш ба зан, ба ин қишри иҷтимоӣ дигаргуниҳои куллӣ ва назаррас ба вуҷуд омадаанд. Аз ин рӯ, таҳлили муқоисавии дидгоҳҳои анъанавию муосир дар бораи нақш ва мақоми иҷтимоии зан барои шинохти амиқи мазмун ва моҳияти ин дидгоҳҳо, ҳамоҳангӣ ё таззоди байни онҳо ва нақши онҳо дар сарнавишти имрӯзаву ояндаи занон хеле мубраму муҳим мебошад.

Дар фалсафа ва умуман, афкори ҷамъиятии аҳди бостон ва асримиёнагии тоҷик, як навъ тасаввуроти мардсолорӣ (андросентрӣ) ва занситезӣ доир ба мақом ва нақши зан ҳукмрон буданд, ки тибқи онҳо мард нисбат ба зан аз лиҳози ақлу шуур, қувва ва қобилиятҳои ақлию маърифатӣ бартарӣ доранд. Чунин тасаввурот ҳамчун усули бунёдӣ асоси назарияҳои гендерии аксарияти намояндагони мактаби фалсафии машшоияи шарқӣ ва умуман фалсафаи асримиёнагии тоҷикро ташкил додаанд. Анъанаи фалсафаи асримиёнагии тоҷик ҳеҷ гоҳ натавонистааст аз дуализм ва таззоди миёни эҳсосоти занона ва ақлонияти мардона – ду асоси ба ҳам зидди маърифатӣ озод шавад. Ин дуализмро паси сар накардани фалсафаи асримиёнагии тоҷик, минбаъд дар пайдоиши фаҳмишҳо ва низомҳаи фарҳангиву фалсафии тарғибкунандаи нобаробарии мард ва зан таъсири шадиде расонидааст.

Тоҷикистон давлати демократӣ мебошад ва низоми сиёсии он бо принсипи дунявият асос ёфтааст. Бо вуҷуди ин, ҷомеаи муосири Тоҷикистон дар бисёр маврид таҳти ҳидоят ва роҳнамоии меъёрҳо ва муқаррароти динӣ-одатӣ қарор дорад. Ба андешаи аксарияти муҳаққиқони афкори динӣ-фалсафии асримиёнагии тоҷик, маҳз бо сабаби волоияти меъёрҳои шариати исломӣ ва умуман таълимоти Қуръон ва Сунна, ки манбаъҳои асосии тафаккури динӣ-ирфонӣ ба шумор мерафтанд, тасаввуроти гендерӣ дар фарҳанги миллии тоҷик хусусияти мардсолорӣ ва занситезӣ ба худ касб намудаанд. Дар ҳоле ки чунин тасаввуроти пастзананда ва маҳдудкунандаи нақшу мақоми иҷтимоӣ ва ҳуқуқу озодиҳои зан танҳо хоси ҷаҳони исломӣ набуда, балки дар мафкураи ҷамъиятии тамоми ҷомеаҳои миллӣ ва динӣ дар даврони қадим ва

асримиёнагӣ ҳукмрон буданд. Масалан, дар осори Арасту, ки мабдаи асосии мактаби фалсафии машшоияи шарқӣ (Форобӣ, Ибни Сино, Насируддини Тӯсӣ ва ғ.) мебошад, зан ҳамчун мавҷуди дувумдараҷа ва «модда», ҳамчун мавод барои «шакл» - мабдаи мардона, ки бояд моддаи касифро ҷон бахшад, муаррифӣ шудааст.

Таҳлили муқоисавии таълимоти динӣ ва фалсафии даврони бостон ва асримиёнагӣ оид ба мақом ва накши иҷтимоии зан барои ба таври дақиқ ошкор кардани омилҳои идеологию фарҳангии таъсиргузор ба мақом ва нақши зан дар ҷомеаҳои миллӣ ва динии бостонӣ ва асримиёнагӣ, муқоисаи саргузашти талх ва вазъи тангу маҳдуди ҳуқуқӣ-иҷтимоии занону духтарони тоҷик дар замонҳои гузашта бо мақом ва нақши волою барҷастаи онҳо дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон, зимнан барои ошкор намудан ва бартараф кардани тасаввуроти дағалу ифротӣ ва аз ҳақиқат дури гузашта, шинохти дурусту одилонаи мақом ва нақши занону духтарон дар ҷомеа ва эътирофи ҳуқуқу озодиҳои онҳо хеле муҳим мебошад.

Илова бар ин, таҳлили муқоисавии мақом ва нақши иҷтимоӣ ва ҳуқуқу озодиҳои зан дар афкори динӣ ва фалсафии даврони қадим ва асримиёнагӣ барои дуруст муайян кардани омилҳои иҷтимоӣ ва сарчашмаҳои ғоявие, ки дар даврони бостон ва асримиёнагӣ боиси маҳдуд ва танг шудани мақоми иҷтимоӣ ва доираи ҳуқуқу озодиҳои зан гардидаанд, минбаъд ҷиҳати бартараф ё пешгирӣ кардани таъсири манфии чунин омилҳо ба мақоми иҷтимоӣ ва ҳуқуқу озодиҳои зан, барои рушду вусъат пайдо кардани доираи ширкату фаъолияти занону духтарон дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа хулоса, барои беҳбудӣ бахшидан ба вазъи иҷтимоию ҳуқуқии занон мусоидат мекунад.

Дараҷаи омӯзиши мавзӯъ. Ҳарчанд мавзӯи баҳси ин рисола ба таври маҷмуӣ таҳқиқ нашуда бошад ҳам, вале аксарияти саволҳои марбут ба он дер боз таваҷҷуҳи олимону муҳаққиқони ҳуқуқшинос, фарҳангшинос, муаррихон, этнографҳо, диншиносон ва мутахассисони соҳаҳои дигари илмҳои ҷамъиятӣ–гуманитариро ба худ ҷалб намудаанд. Аз ҷумла, роҷеъ ба мақом ва нақши иҷтимоии зан дар Эрон ва Тӯрони Қадим дар Авесто – китоби муқаддаси дини зардуштӣ қадимтарин дини яктопарастӣ, ки ҳамаи суннатҳои тоисломии динӣ, иҷтимоӣ ва тоҷикон аз он маншаъ гирифтаанд, маълумоти фаровон вуҷуд дорад, ки барои муҳаққиқон ҷиҳати таҳлил ва баррасии вазъи занон дар даврони қадим ҳамчун мавод хизмат мекунад. Дар тӯли қариб дуюним асри охир бо забонҳои гуногуни аврупоӣ, инчунин, форсӣ ва русӣ даҳҳо асарҳо оид ба Авесто ва фарҳангу тамаддуни зардуштӣ ба табъ расидаанд. Дар байни онҳо махсусан асарҳои Э. Бенвенист[1], Е. Ҳертсфелд[2], А. Кристенсен[3], М. Муин[4], Мери Бойс[5], В. В.

---

[1] Бенвенист. Дини эронӣ. Табрез, 1350. –175 с.
[2] Ҳертсфелд Е. Зардушт ва ҷаҳони ӯ (Zoroasterandhizworld). Принстон, 1947. Ҷ.1. – 140 с.
[3] Кристенсен А. Каёниён. Теҳрон, 1331. –450 с.
[4] Муин М. Маздоясно ва адаби порсӣ. Теҳрон, 1363. Ҷ.1. –484 с. Ҷ.2. – 521 с.
[5] Бойс М. Зороастрийцы. Верования и обычаи. М.: Наука, 1987. –301 с.

Струве[6], Р. Фрай[7], Х. Дюмезил[8], А. О. Маковелский[9], А. Г. Периханян[10], А. К. Рзаев[11], И. С. Брагинский[12], М. Ҳумон[13] ва А. Ризоӣ[14] барои шиносоӣ бо фарҳангу суннатҳои даврони бостонии мардумони ориёитабори Эрону Осиёи Миёна аз арзишу аҳамияти баланд бархӯрдор мебошанд.

Яке аз асарҳои хеле муҳим ва бо мавзӯи мо алоқаманд китоби А.Г. Периханян «Ҷомеа ва ҳуқуқи Эрон дар даврони Паҳлавиҳо ва Сосониён»[15] мебошад, ки дар он дар бораи як силсила қавоиду муқаррароти ҳуқуқии ин ду империяи бузурги эрониён маълумот медиҳад. Аз олимони эронӣ, алалхусус Алиакбари Мазоҳириро зикр мекунем, ки доир ба ҳуқуқи оилавии эрониёни қадим китоби ҷолиберо бо номи «Хонаводаи Эрон дар рӯзгори пеш аз ислом»[16] таълиф намудааст. Доир ба таълимоти зардуштӣ дар баъзе асарҳои антологӣ (тазкиравӣ) ва китобҳои дарсии замони шӯравӣ, аз ҷумла дар асари А. А. Вигасин «Хрестоматияи таърихи Шарқи Қадим»[17] ба таври хеле мухтасар маълумот дода шудааст. Дар асари дигари коллективона бо номи «Хрестоматияи таърихи Шарқи Қадим»[18] тарҷумаи баъзе пораҳои Авесто ва ҳуҷҷатҳои давраи Ҳахоманишиҳо оварда шудаанд.

Дар таҳқиқи фарҳанги зардуштӣ олимони тоҷик низ саҳми назаррас гузоштаанд. Мукаммалтарин таҳқиқоти илмие, ки дар он тамоми ҷанбаҳои масъалаи ҳуқуқу вазифаҳо ва мақому нақши хонаводагию иҷтимоии зан дар Эрон ва Тӯрони Қадим ба таври муфассал баррасӣ шудаанд, асари Холиқзода А. Ғ. «Низоми ҳуқуқи зардуштӣ»[19] мебошад. Дар ин асар таълимоти ҳуқуқии дини зардуштӣ дар заминаи таҳқиқу таҳлили муқоисавии Авесто ва осори дигари зардуштӣ ба таври ҳаматарафа таҳқиқ ва тасниф шудааст. Аз асарҳои олимони муосири тоҷик, ки бо мавзӯи рисолаи таҳқиқотии мо иртибот доранд, асарҳои Ю. Ёқубов[20],

---

[6] Струве В.В. Религия персов и надпись Ксеркса о «Дэвах» // Этюды по истории Северного Причемнеморья, Кавказа и Средней Азии. Л., 1968. –С.115–146.
[7] Фрай Р. Наследие Центральной Азии. Душанбе, 2000. –292 с.
[8] Дюмезил Х. Верховные боги индоевропейцев. М., 1986. –234 с.
[9] Маковелский А.О. Авеста– памятник древней религии народов Ближнего и Среднего Востока // Ежегодник Музея истории религии и атеизма. М., 1962. Т. 6. –С. 361–377.
[10] Периханян А.Г. Общество и право Ирана в парфянский и сасанидский периоды. М.: Наука, 1983. –383 с.
[11] Рзаев А.К. Этюды из истории политико–правовых учений. Баку: Азгосиздат, 1986. –176 с.
[12] Брагинский И.С. От Авесты до Айни. Душанбе: Ирфон, 1981. –256 с.; Брагинский И.С. Древнеиранская литература// История всемирной литературы. М.: Наука, 1983. Т.!. –584 с.
[13] Ҳумон М. Таърихи Бостони Эрон. Техрон, 1379. –135 с.
[14] Ризоӣ А. Таърихи даҳҳазорсолаи Эрон. Техрон, 1373. Х.1. –345 с.
[15] Периханян А.Г. Общество и право Ирана в парфянский и сасанидский периоды. М.: Наука, 1983.
[16] Мазоҳирӣ Алиакбар. Хонаводаи эронӣ дар рӯзгори пеш аз ислом// Муаллифи тарҷума аз фаронсавӣ ба форсӣ Абдуллоҳ Таваккул. Техрон: Қатра, 1373. –216 с.
[17] Вигасин А.А. Хрестоматия по истории Древнего Востока. М.1997. –М. 1997. – С. 262 – 268.
[18] Хрестоматия по истории Древнего Востока / Под. ред. М.А.Коростевцева, И.С.Кациельцона, В.И.Кузищина. М., 1980. –С. 17–73.
[19] Ниг.: Халиков А.Г. Правовая система зороастризма. Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2005. –С.151-251.
[20] Якубов Ю. Религии древнего Согда. Душанбе: Дониш, 1996; Якубов Ю. К проблеме времени и места рождения Заратуштрым // Авеста в истории культуры Центральной Азии. Душанбе, 2001. –С.23–48; Якубов Ю. К проблеме Турана // Зороастризм и его значение в развитии цивилизации народов Ближнего

Д.С.Саймиддинов[21], Ф.Т.Тоҳиров (дар ҳамқаламӣ бо Холиқзода А.Ғ.)[22], Х.Х.Мӯъминҷонов[23], Ю.Нуралиев[24], Холиқзода А.Ғ.[25], И.Б. Буриев[26], М.Маҳмудзода[27], А.Н. Маҳмадов[28], инчунин, як силсила китобҳои академикӣ ва мақмӯавиро[29] метавон қайд кард.

Дар таҳқиқу таълифи мавзӯи кори диссертатсионӣ асарҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси муҳимтарин дастури назариявию идеологӣ моро роҳнамоӣ кардаанд[30].

Умуман, дар Тоҷикистон дар замони Истиқлолият ба ҷанбаҳои гуногуни таълимоти зардуштӣ таваҷҷуҳи олимони диншинос, фарҳангшиносон, файласуфон ва муаррихонро ҳарчи бештар ба худ ҷалб менамоянд. Дар бораи меъёрҳои ахлоқи зардуштӣ, таълимоти эстетикӣ, тибби зардуштӣ ва масоили дигаре, ки дар Авесто шарҳу тавзеҳ дода шудаанд, асарҳои ҷолиби илмӣ ба табъ расидаанд. Аммо чи тавре таҳлили адабиёти илмӣ оид ба дини зардуштӣ ва осори он гувоҳӣ медиҳад, дар онҳо дар бораи таълимоти дини зардуштӣ оид ба ҳуқуқу вазифаҳо, мақому нақши иҷтимоии зан, ки яке аз масъалаҳои асосии мавзӯи рисолаи таҳқиқотии мо мебошад, хеле кам таваҷҷуҳ шудааст.

Дар муқоиса бо таълимоти зардуштӣ, адабиёти илмӣ доир ба мақому нақши иҷтимоӣ ва ҳуқуқу вазифаҳои зан дар Қуръону Суннат ва афкори динӣ-фалсафии исломӣ хеле фаровон мебошад. Вале дар ин бахш низ танҳо ҷанбаҳои фарҳангӣ, ахлоқӣ, динӣ ва эстетикии таълимоти исломӣ оид ба зан ва мақому нақши иҷтимоии ӯ баррасӣ шуда, ҷанбаи ҳуқуқӣ ва фалсафӣ-иҷтимоии он то як андоза норавшан боқӣ мондааст. Умуман, роҷеъ ба

и Среднего Востока. Душанбе,2003. С.67–91; Якубов Ю. Брачные обычаи таджиков в Согде. - Душанбе: Сурушан, 2002 ва ғ.

[21] Саймиддинов Д. Адабиёти паҳлавӣ/ Пажӯҳиш, тарҷума ва ташреҳ. - Душанбе, 2003.

[22] Тахиров Ф.Т., Халиков А.Г. Декларация великого Кира как исторический источник оправах и свободах человека // Духовная культура таджиков в истории мировой цивилизации. Сб.ст. -Душанбе, 2002. –С.115–131.Тахиров Ф.Т., Халиков А.Г. Шариат: правовая регламентация брачно–семейных и наследственных отношений. - Душанбе: Дониш, 2001 ва ғ.

[23] Муминджанов Х. Философские проблемы зороастризма. Душанбе: Нодир, 2000, Муъминзода Ҳ. Зардушт ва оини ӯ. Душанбе: Нашриёти ДДМТ, 1997.

[24] Нуралиев Ю. Медицина и экология в Авете // Авеста в истории культуры Центральной Азии. - Душанбе, 2001.

[25] Холиқов А.Ғ. Андешаи давлати миллӣ. Душанбе: «Эр–грф, 2013; Халиков А.Г. Хадис как источник мусульманского права. Душанбе: Шарқиозод, 1998; Халиков А.Г. Семейное право зороастризма (древнее право). Душанбе: «Сарбоз», 2003; Халиков А.Г. Поблемы развития правовой системы в современном Тажикистане (историзм и исламский фактор: позитивные и негативные моменты) // Труды Академии МВД Республики Таджикистан. Душанбе, 2002. Вып. 5. =–С. 6–76 ва ғ.

[26] Буриев И.Б. Падидаҳои ҳуқуқи ҷиноӣ дар таълимоти Зардушт // Замимаи маҷаллаи «Фирӯза». 2003.№ 2. –С. 22–24.

[27] Маҳмудзода М. Сиёсати ҳуқуқи ва давлати демократӣ. - Душанбе: «Эр–граф», 2017.

[28] Маҳмадов А. Истиқлоли сиёсӣ ва таҳлили давлатдории миллӣ. -Душанбе, 2016.

[29] Таърихи динҳо. Душанбе/ Муҳаррири масъул: доктори илмҳои фалсафа, профессор А.А.Шамолов. Душанбе: Нашриёти «Дониш», 2014; Мақом ва нақши ислом дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2017; Тафаккури миллӣ ва ҳифзи арзишҳои фарҳангию иҷтимоӣ. - Душанбе: Балоғат, 2017 ва ғ.

[30] Раҳмон Эмомалӣ. Дин ва ҷомеа. Душанбе, 2013; Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби якум: Аз ориёиҳо то Сомониён (бо забонирусӣ); Рахмонов Э.Ш. Родина Заратуштры и явления пророка // Зороастризм и его значение в развитии цивилизаций народов Ближнего и Среднего Востока. - Душанбе, 2003 ва ғ.

масъалаҳои гуногуни марбут ба мақом ва нақши иҷтимоии зан солҳои охир мизҳои мудаввар ва конференсияҳои зиёди умумиҷумҳуриявии илмиву амалӣ баргузор гардидаанд ва мақолаҳову маҷмӯаҳои зиёде ба табъ расида истодаанд. Аммо, қисми бештари ин мақолаву маҷмуаҳо одатан хусусияти илмӣ-оммавӣ дошта, дар онҳо бисёр ҷанбаҳои ин мавзӯъ аз назари муаллифон барканор мондааст.

Хулоса, бо таъкиди арзишу аҳамияти баланди илмиву амалии асарҳову мақолаҳои зикршуда, бояд қоил шуд, ки дар ҳавзаи илми муосири ҳуқуқшиносӣ ва таърихи ҳуқуқи тоҷик то имрӯз ягон таҳқиқоти мукаммал ҷиҳати ҳаматарафа баррасӣ кардани мавзӯи интихобнамудаи мо анҷом дода нашудааст. Рисолаи илмии мазкур як иқдом ва кӯшишест, ки ба таҳқиқи таърихӣ-фалсафӣ ва диншиносии ин мавзуъ бахшида шудааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Робитаи кор бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзӯъҳои илмӣ. Таҳқиқи диссертатсия дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи онтология ва назарияи маърифати факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода кардашудааст. Яке аз бандҳои дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи мазкур фарогири масъалаҳои марбут ба мавзӯи таҳқиқоти диссертатсия мебошад.

Ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот. Ҳадафи асосии кори таҳқиқотӣ таҳлили таълимоти машшоияи шарқӣ дар бораи зан ва ошкор кардани мақом ва нақши иҷтимоии зан дар афкори бостонӣ ва асримиёнагии динӣ ва фалсафии халқи тоҷик мебошад.

Дар мутобиқат бо ҳадафи асосӣ, дар рисола як қатор масоили мушаххас ва бо ҳам алоқаманд таҳлилу баррасӣ карда шудаанд, аз ҷумла:

- таъйини сарчашмаҳои ғоявии таълимоти машшоияи шарқӣ дар бораи зан;
- тавсифи зан ва мақоми иҷтимоии ӯ дар осори хаттии дини зардуштӣ;
- шиносоӣ бо таълимоти Афлотун ва Арасту оид ба ҷойгоҳ ва нақши зан дар ҷомеа;
- шиносоӣ бо таълимоти Қуръону Суннат ва таълимоти мазҳаби ҳанафӣ дар бораи зан;
- таҳлили андешаи намояндагони мактаби фалсафии машшоияи шарқӣ (Форобӣ, Ибни Сино ва Насируддини Тӯсӣ) дар бораи зан ва мақому нақшҳои ӯ;

Объекти таҳқиқ: омӯзиши таълимоти динӣ ва фалсафии бостонӣ ва асримиёнагӣ оид ба зан.

Предмети таҳқиқ: таҳлили мақом ва нақши иҷтимоии зан дар фалсафаи машшоияи шарқӣ ташкил медиҳад.

Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқотро фаҳмиши диалектикии падидаҳои ҳаёти маънавӣ, корбурди усулҳои илмӣ–таърихнигории таҳқиқи падидаҳои иҷтимоӣ ташкил медиҳанд. Зимни таҳқиқи мавзӯъ аз асарҳои

илмии олимони ватаниву хорижӣ, инчунин аз рӯзномаву маҷаллаҳо, дигар васоити ахбори омма, ки дар онҳо маводи бо масоили мавриди баҳси рисола алоқаманд вуҷуд дорад, ба ҳайси сарчашма истифода бурда шудааст.

Сарчашмаҳои асосии таҳқиқ. Сарчашмаҳои асосии таҳқиқотро осори фалсафии Форобӣ, Ибни Сино ва Насируддини Тӯсӣ, ки ба забонҳои форсии тоҷикӣ ва арабӣ ташкил медиҳад.

Навгониҳои илмии таҳқиқ. Диссертатсия нахустин таҳқиқи монографие мебошад, ки ба таҳлили маҷмуавии мақом ва нақши зан дар таълимоти машшоияи шарқӣ бахшида шудааст. Таҳлилҳо ва истифодаи маводу сарчашмаҳои таърихӣ ва муосир, ки дар ин кори илмӣ оварда шудаанд, имкон доданд, ки масъалаҳои зикргардида мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор гиранд ва зимни он нуқтаҳои зерин ошкору равшан гарданд:

- собит карда шуд, ки таълимоти мардсолориву занситезӣ хоси танҳо мафкураи ҷамъиятии миллатҳо ва кишварҳои исломӣ ё зодаи таълимоти ислом нест, балки як падидаи умумифарҳангие мебошад, ки решаҳои хеле қадима дошта, дар мафкураи ҷамъиятии ҳамаи халқу миллатҳо ва дину оинҳои башарӣ дар даврони қадим ва асрҳои миёна ҳукмфармо будааст;

- бори аввал аз тариқи таҳлили мухтасари муқоисавии таълимоти динҳо ва андешаҳои намояндагони мактабҳои гуногуни динӣ-фалсафӣ оид ба зан, кӯшиш карда шудааст, то омилҳои аслӣ ва воқеии маҳдудкунандаи мақом ва нақши иҷтимоии занон дар даврони бостон ва асримиёнагӣ ба таври дақиқ ва асоснок нишон дода шаванд;.

- муайян карда шуд, ки таълимоти дини ислом ба таълимоти мутафаккирони машшоияи шарқӣ оид ба мақоми иҷтимоии зан таъсир расионидааст. Ин таъсир зимни баррасии ҳамаҷонибаи андешаҳои намояндагони ин мактаб ошкор гардид;

- муайян карда шуд, ки намояндагони машҳури мактаби машшоияи шарқӣ, аз қабили Форобӣ, Ибни Сино ва Насируддини Тусӣ дар рисолаҳои ахлоқӣ ва умуман ҳикмати амалии худ ба равобити миёни зану мард ва фарзандон таваҷҷуҳ намуда, андеша ва нуқтаи назари худро оид ба ҷомеа ва хонаводаи намунавӣ хеле равшан баён кардааанд. Аз мазмуни андешаҳои онҳо дар бораи ҷомеа ва хонаводаи намунавӣ маълум мегардад, ки таълимоти ахлоқӣ ва умуман, ҳикмати амалии онҳо қисман аз таълимоти исломӣ ва қисман аз таълимоти Арасту маншаъ гирифтаанд.

- ошкор карда шуд, ки ҳамаи мактабҳои фалсафаи асримиёнагии тоҷик, новобаста аз гуногунии усулҳо ва равишҳои таҳқиқӣ, моҷароҳо ва ихтилофҳои ғоявии худ, дидгоҳҳои ҳам мусбат ва ҳам манфӣ нисбат ба занро, ки мисли як анъанаи фарҳангӣ дар сарчашмаҳои ғоявии ҳар кадоми ин мактабҳо вуҷуд доштанд, ба таври фаҳмиши худ инъикос намуда, шарҳу тавзеҳ додаанд.

Нуктаҳои асосӣ, ки ба дифоъ пешниҳод мешаванд:

1. Ҳар як насли инсонӣ барои ҳалли масъалаҳои ҷомеаи муосири худ аз таҷрибаи иҷтимоии наслҳои гузашта истифода менамояд. Ба дурустиии ин матлаб зимни баррасии ҷойгоҳ ва нақши иҷтимоии занон дар ҷомеаҳои анъанавӣ, масалан дар ҷомеаи муосири тоҷик, боварӣ ҳосил кардан мумкин аст. Дар Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки давлати демократию дунявӣ мебошад, имрӯз ҳам чун даврахои қадим ва асримиёнагӣ ҷойгоҳ ва арсаи асосии фаъолияти аксарияти занони тоҷик - оила ва нақши онҳо низ ҳамон нақшҳои суннатии модарӣ, ҳамсарӣ, фарзандтавлидкунӣ ва парваришу тарбияи фарзанд мебошанд. Сабаби асосии аз ҷониби худи занони тоҷик эҳтиром ва риоя шудани ин ҷойгоҳ ва нақшҳои барои бақои инсоният басо муҳим, аз назари мо, муттасилият, мубрамият, ҷавобгӯи ниёзҳои моддиву маънавӣ ва қобили қабули ҷомеа будани онҳост. Аз ин рӯ, ин ҷойгоҳ ва нақши зан дар ҷомеаи тоҷик имрӯз низ аҳамияти ҳудро гум накардааст.

2. Барои баҳои воқеӣ ва мунсифона додан ба ҷойгоҳи зан дар ин ё он дин ё ҷомеаи миллӣ-динӣ, таҳлили мухтасару муқоисавии таълимоти динҳо ва мактабҳои гуногуни динӣ-фалсафӣ зарур мебошад. Истифодаи чунин усули таҳқиқи масъала барои ҳосил кардани тасаввуроти дурусту воқеъбинона дар бораи моҳияти прогрессивӣ ё баръакс ифротӣ доштани таълимоти ҳар як дин ё мактаби динӣ-фалсафӣ мусоидат мекунад. Аз ҷумла, дар бораи хусусият ва моҳияти таълимоти дини ислом дар бораи зан ва ҷойгоҳу нақши ӯ дар ҷомеа мо танҳо дар сурате баҳои воқеъбинона ва мантиқан дуруст дода метавонем, ки агар он бо таълимоти динҳои дигар муқоиса карда шавад.

3. Дар бораи ҷойгоҳи зан дар ҷомеи зардуштии Эрон ва Осиёи Миёна дар даврони тоисломӣ аз мундариҷаи Авесто ва дигар сарчашмаҳои динӣ-таърихӣ тасаввурот ҳосил кардан мумкин аст. Аз ҷумла, аз мазмуни таълимоти зардуштӣ дар бораи издивоҷ ҳамчун як омили муҳимми рушди ҷомеаи маздопарастон (зардуштиён), зарурати бастани шартномаи никоҳ, риояи ҳуқуқу ухдадориҳои оилавӣ аз ҷониби ҳамсарон, ҳифзи ҳуқуқи фарзандон ва ғайра, чунин хулосаи мантиқӣ ҳосил мешавад, ки занон дар ҷомеи бостонии зардуштиён дар муқоиса бо вазъи иҷтимоӣ ва ҳуқуқии занон дар ҷомеаҳои дигари он замон, масалан назар ба ҷомеаҳои буддоӣ, ҳиндуӣ, яҳудӣ ва насронӣ, мақоми нисбатан шоистаи иҷтимоӣ ва вазъи нисбатан беҳтари ҳуқуқӣ доштанд.

4. Дар таҳаввули мафкураи ҷамъиятии халқи тоҷик оид ба зан дар асрҳои миёна нақши таълимоти Қуръон ва Суннат, инчунин, таълимоти Имоми Аъзам Абуҳанифа Нӯъмон ибни Собит ва фақеҳони бузурги мазҳаби ҳанафӣ, ҳамчунин фарҳанги тоисломии тоҷикон ҳамчун омили асосӣ таъсири бузург гузоштаанд. Нақш ва таъсири ин омилро, алалхусус, дар андешаҳои намояндагони мактаби фалсафии машшоияи шарқӣ ва тариқатҳои тасаввуф ба таври равшан дарк кардан мумкин аст. Чунончи Форобӣ, Ибни Сино ва Насириддини Тӯси, бо вуҷуди дар масоили

фалсафаи назарӣ ва баъзе мабҳасҳои фалсафаи амалӣ пайрави Арасту будан, дар масоили оилавӣ, муносибати байни ҳамсарон, мақом ва нақши зан дар оила ва ҷомеа, ғолибан ба манобеи исломӣ такя кардаанд.

5. Бояд қайд кард, ки дар афкори динӣ-фалсафии бостонӣ ва асримиёнагии тоҷик нисбат ба зан ва ҷойгоҳи ӯ дар ҷомеа ду навъ дидгоҳ вуҷуд дорад: мусбат ва манфӣ. Тибқи дидгоҳи мусбат, зан ҳамчун модар, ҳамсар, тавлидкунанда ва мураббию парваришгари фарзанд мавриди эҳтирому ситоиш қарор дорад. Ин дидгоҳ аз ҳама бештар аз сарчашмаҳои зардуштӣ ва исломӣ маншаъ гирифта, густариш пайдо кардааст. Тибқи дидгоҳи манфӣ бошад, зан як мавҷуди ноқисулақл ва эҳсосотӣ мебошад, ки ҳам аз лиҳози қувваҳои ҷисмонӣ, ҳам аз лиҳози қувваю қобилиятҳои ақлонӣ аз мард паст мебошад ва ба роҳбарию назорати мард муҳтоҷ аст. Ин дидгоҳи мардсолорӣ ва занситезӣ бештар дар сарчашмаҳои динҳои яҳудию насронӣ ва афкори Арасту ба назар мерасад.

6. Дар андешаҳои Форобӣ, Ибни Сино ва Насируддини Тӯсӣ оид ба зан навъе раванд ё сайри таназзулии андешаи мактаби машшоияи шарқӣ дар бораи мақом ва нақши зан мушоҳида мешавад. Дар андешаи Форобӣ ғояи баробарии байни зан ва мард дар ифои нақшҳои оилавӣ ва иҷтимоӣ ифода ёфтааст, вале дар андешаи Насириддини Тӯсӣ нақшҳои хонаводагӣ ва иҷтимоии зан ва мард баробар нестанд, балки зан ҳамеша дар зери фармони мард аст ва ҳама кору вазифаҳояшро дар ҳудуди хона ва бо иҷозату ризоияти шавҳараш ба иҷро мерасонад. Андешаи Ибни Сино, ки ҳалқаи воситаи байни ин ду аст, як навъ омезиши андешаи фалсафӣ ва динӣ, ҳикмат ва диёнатро инъикос мекунад.

7. Нигоҳи Форобӣ ба зан бештар инсонгароёна, фазилатмеҳвар ва фориғ аз ҷинсият мебошад. Форобӣ ҷойгоҳ ва нақшу вазифаҳои мард ва занро на бар асоси ҷинсият, балки бар асоси фазилат ва бартарии ахлоқӣ таъриф мекунад. Дар муқоиса бо Форобӣ, андешаҳои Ибни Сино ва Насириддини Тӯсӣ аз манобеи динӣ таъсири бештар гирифтаанд. Вале андешаи Ибни Сино нисбат ба андешаҳои Насируддини Тӯсӣ бо таълимоти исломӣ ҳамоҳангӣ ва қаробати бештар доранд.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ. Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар коркарду ироаи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ ифода меёбад. Ҳамзамон, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби диссертатсия саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Аҳамияти назарӣ ва амалии таҳқиқот дар он аст, ки натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомёфта аз арзиши муайяни илмӣ ва амалӣ бархӯрдор мебошанд. Онҳо барои таҳсили маълумоти қонеъкунанда дар бораи ҷойгоҳ ва нақшҳои иҷтимоии занон дар гузашта ва имрӯз, шинохти дақиқи омилҳои ғоявию иҷтимоии маҳдудкунандаи ҷойгоҳ ва ҳуқуқу озодиҳои занон дар даврони бостон ва асримиёнагӣ, зимнан дарки моҳияти прогрессивона ва башардӯстонаи таълимоти исломӣ дар бораи мақом ва

нақши калидии занон дар тавлиду тарбия ва парвариши насли инсонӣ мусоидат мекунад.

Дастовардҳо ва натиҷаҳои илмии таҳқиқоти мазкурро ба сифати мавод дар раванди таълими таърихи ҳуқуқ ва давлат, фарҳангшиносӣ, диншиносӣ, ҷомеашиносӣ, курсҳои махсус оид ба таърихи фарҳанги тоҷикон, инчунин ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи донишҳои назариявию соҳавии кормандони мақомоти давлатии масъули корҳои занон ва оила, инчунин дар такмил ва таҷдиди заминаҳои ҳуқуқии рушду такомули мақом ва нақшҳои иҷтимоии занон дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон истифода бурдан мумкин аст.

Тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот. Натиҷаҳои кори таҳқиқотӣ дар як силсила мақолаҳои илмии муаллиф, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардида, инчунин дар баромаду маърузаҳои семинарҳои илмӣ-амалии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон инъикос ёфтаанд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, шаш фасл, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат мебошад.

ҚИСМАТИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Дар муқаддима дар мавриди мубрамияти масъала, дараҷаи омӯзиш, заминаҳои назариявию методологии таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, масъалаҳои таҳқиқот, усулҳои таҳқиқот, соҳаи таҳқиқот, марҳилаҳои таҳқиқот, пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқот, эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ, навгониҳои илмии таҳқиқот, аҳамияти назарии таҳқиқот, аҳамияти амалии таҳқиқот, нуктаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия, сохтори диссертатсия маълумот дода шудааст.

Боби якуми диссертатсия, ки "**Заминаҳои ғоявӣ ва иҷтимоии таълимоти машшоияи шарқӣ дар бораи зан**" номгузорӣ шудааст, аз се фасл иборат аст, ки дар онҳо масъалаҳои мақом ва ҷойгоҳи зан дар афкори динӣ-фалсафии Эрони бостон, таҳаввули тасаввурот дар бораи моҳияти зан дар фалсафаи Юнони қадим ва таъсири ислом ба фалсафаи машшоияи шарқӣ доир ба мақоми иҷтимоии зан мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Дар фасли якуми ин боб - "**Мақом ва ҷойгоҳи зан дар афкори динӣ-фалсафии Эрони бостон**", масъалаи зан ва мақоми иҷтимоии ӯ дар афкори фалсафии халқи тоҷик дар замонҳои қадим, ки яке аз масъалаҳои печида ва баҳсталаб ба шумор меравад, мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Қайд карда шудааст, ки таҳқиқи ин масъала барои дарки омилҳо ва сабабҳои воқеии вазъи сахти ҳуқуқию иҷтимоии занон дар даврони қадим ва асримиёнагӣ, зимнан, барои шинохти дурусти омилҳои эҳёкунанда ва таҳкимбахшандаи мақому манзалати баланди занон дар замони муосир заминаи мусоидро фароҳам меорад.

Таълимоти машшоияи шарқӣ доир ба мақоми иҷтимоии зан аз сарчашмаҳои гуногун маншаъ гирифтааст, ки муҳимтарини онҳо, ба андешаи мо, инҳоянд:

1. Афкори динӣ-фалсафии эрониёни бостонӣ (мифологияи Эрони Бостон, таълимоти зардуштия, монавия, маздакия);

2. Фалсафи Юнони Қадим;

3. Таълимоти исломӣ.

Мутобиқи маълумоти Авесто ва дигар осори хаттии дини зардуштӣ, занон ва мардон баробарҳуқуқанд ва байни онҳо фарқияте вуҷуд надорад. Дар дини зардуштӣ, ҳар шахсе, ки аз фазилатҳои хираду ростӣ ва некӣ бархӯрдор аст, новобаста аз мард ё зан будан, сазовори ҳурмату эҳтиром шуморида мешавад.[31]

Дар Эрони бостон анъанаи издивоҷ ва занушавҳариро танҳо ба хотири қонеъ кардани талаботи шаҳвонӣ анҷом намедоданд, балки ин амал барои фароҳам сохтани шароити мусоид ҷиҳати осоишу фароғати рӯҳиву маънавии инсон, тавлиди насли ҷадиди идомадиҳандаи ҳаёт, таъмини ғалабаи ниҳоии некӣ бар бадӣ ва дигар ҳадафҳо равона шуда буд, ки ҳамагӣ аз таълимоти ҳастишиносӣ, худошиносӣ, инсоншиносӣ ва ахлоқии дини зардуштӣ маншаъ мегирифтанд.

Дар сарчашмаҳои ҳуқуқи зардуштӣ мадорике вуҷуд доранд, ки тибқи мазмуни онҳо сарварони ду оила пешакӣ бо ҳам мулоқот карда, дар бораи хонадоркунии фарзандони худ машварат мекарданд. Ин анъанаи қадима имрӯз низ дар байни тоҷикон маъмул аст, ва “хостгорӣ” номида мешавад.

Ба андешаи муҳаққиқон, авҷ гирифтани буҳрони ҳуқуқҳои зан, густариши назари манфӣ нисбат ба зан ва ба ҷойгоҳи иҷтимоии ӯ дар ҷомеаи зардуштии замони Сосониён, пеш аз ҳама, зуҳури динҳои монавия ва маздакия таъсир расонидааст.

Дар таълимоти Монӣ ҳангоми баррасии офариниши оламу одам дар мавриди зан ду дидгоҳи бо ҳам мухолиф: мусбат ва манфӣ вуҷуд дорад. Тибқи як дидгоҳ зан агар офарандаи ҳаёт, ҳамсар ва модар бошад, пас, тибқи дидгоҳи дигар, зан маншаи ҳама гуна разолатҳои ахлоқӣ, шаҳват, ҳасад, нафрат ва ғайра унвон мешавад.

Аз пажӯҳиш маълум мегардад, ки бонувони Эрон дар даврони Сосониён аз табъизу ситами ҳокимони золим ва мӯбадони каҷандеш дар ранҷ буданд ва ҳуқуқи онҳо бисёр поймол мешуд. Дар ин давраи таърихӣ таълимоти авестоӣ-зардуштӣ дар мавриди ҳуқуқу озодиҳои зан ба ҳукми фаромӯшӣ супорида шуда, ҷойи онро андешаҳое ишғол карданд, ки мазмуни занситезӣ ва мардмеҳварӣ доштанд. Раванди хусусияти мардмеҳварӣ гирифтани фарҳангу суннатҳои динӣ-иҷтимоӣ дар ҷомеаи зардуштӣ дар замони Сосониён зери таъсири фарҳанги мардсолории юнонӣ, ки дар пайомади аз тарафи лашкариёни Искандари Мақдунӣ тасарруф шудани Эрону Осиёи Миёна сурат гирифт, ба амал омад.

[31] Ниг.: Якубов Ю. Религия Древнего Согда. Душанбе: «Дониш», 1996. –С. 75-80.

Дар фасли дуюми боби якум, ки **«Таҳаввули тасаввурот дар бораи моҳияти зан дар фалсафаи Юнони Қадим»** унвон гирифтааст**,** масъалаи мақоми зан дар таълимоти фалсафии юнониёни қадим мавриди баррасӣ қарор гирфтааст.

Дар Юнони Қадим пеш аз пайдоиши фалсафа мифология ҳамчун шакли чаҳонбинӣ ҳукмрон буд, ки мавзӯи асосии онро на шахсияти инсон, балки асрори олам ва падидаву ҳодисаҳои табиӣ ташкил медод. Нахустин файласуф, ки мавзӯи инсонро ба фалсафа ворид намудааст, Пифагор ҳисобида мешавад. Мувофиқи андешаи Пифагор фарҳангро қонунҳое ҳамроҳӣ мекунад, ки дар ҷомеа ҳукм меронанд ва ҳама ба он итоат мекунанд, дар ҳоле ки дар муҳити табиӣ муносибатҳо ҳеҷ гуна меъёре надоранд ва нақшу ҷойгоҳи ҳар як чиз аз қудрату тавоноии он вобаста мебошад.

Ҷомеаи Юнони Қадим аз феминизм дур буд ва дар он низоми патриархат (мардсолорӣ, падаршоҳӣ) ҳукм меронд. Мардон ба занон ҳамчун ба одамони дуюмдараҷа ва василаи тавлиди насл муносибат мекарданд. Чунончи Фалеси Милетии юнонӣ гуфтааст: «ӯ аз тақдир миннатдор аст, зеро ӯ одам таваллуд шудааст, на ҳайвон, эллинӣ аст, на барбар, мард аст, на зан». Фалес бо ин шиор занро дар муқоиса бо мард, бо барбарҳо ва ҳайвонот дар як сатҳ гузошта буд. Вале на ҳама файласуфони Юнони Қадим чунин ақида доштанд. Масалан, Пифагор нақши муҳимми занонро дар ҷомеа бо ҳар роҳ таъкид мекард. Дар мактаби Пифагор ҳатто як бахши занона таъсис дода шуда буд, ки дар он хонумҳо ба дарку таҳқиқи моҳияти аҳкому маросими муқаддас мепардохтанд ва бо муҳтавои рисолату вазифаҳои худ дар ҷомеа шинос мешуданд.

Аввалин файласуфи юнонӣ, ки ба шахсияти инсон рӯ овардааст, Суқрот аст. Ин файласуф ба таҳқиқи падидаи рӯҳ рӯ оварда, онро пайванди байни материя ва ғоя меномид. Суқрот дар бораи зарурати издивоҷ сухан ронда, гуфтааст: «агар зани хуб гиред, истисно хоҳед буд ва агар зани бад гиред, файласуф хоҳед шуд». Ҷойи дигар, Суқрот ишқи занро ба шакари захрогин монанд карда, гуфтааст, ки ишқварзӣ бо зан аз тири душман дида хатарноктар аст. Мақсуди Суқрот зимни баёни чунин андеша табъизи занон набуда, балки ба ҳолатҳое ишора мекард, ки зан аз ошиқи пештараи худ сахт қасос мегирад. Ҳамин аст, ки Суқрот ба мардҳо канорагирӣ ва парҳез кардан аз ишқварзӣ бо занонро тавсия додааст.

Афлотун мактаби фалсафии Суқротро идома дод. Аз пажӯҳиши масъала дар осори Афлотун маълум мегардад, ки асарҳои аввалини ӯ як навъ изҳорот дар бораи дуализми зеҳнию моддӣ, оқилонаву эмотсионалӣ ба назар мерасад, ки баъдтар дар фалсафаи Ғарб ба як назарияи бунёдӣ табдил ёфтааст.

Дар асарҳои Афлотун дар бораи занон фикрҳои гуногун ва бо ҳам мухолиф баён гардидаанд. Афлотун занонро дар муқоиса бо мардҳо махлуқи пасттар мешуморад. Ин нуктаро аз мазмуни ҳикояи дар бораи

офариниши олам эҷодкардаи ӯ дарк кардан мумкин аст. Ба гуфтаи Афлотун, дар ибтидо танҳо мардоне буданд, ки аз сайёраҳои дур ба замин омадаанд. Ҳар касе, ки рӯзҳои худро бо шаъну шараф ба сар мебурд, оқибат ба хона - ба ҳамон сайёра бармегашт ва рӯҳаш ҳисси ҳамоҳангӣ ва қаноатмандиро ба даст меовард. Агар мард дар давоми умраш кори ношоистае мекард, рӯҳи ӯ наметавонист заминро тарк кунад, балки дубора таваллуд мешуд, вале ин бор дар колбади зан. Ҳамзамон, ба гуфтаи Афлотун, шайтон гоҳ-гоҳ бар рӯҳи инсон тасаллут ёфта, ӯро мағлуб ва тобеъ мекунад. Занҳои заиф, ки ба ӯ муқобилат карда наметавонанд, дар занҷири эҳё тадричан пасттар ва поёнтар мефароянд ва ба ҳолати ҳайвон мерасанд. Ҳамин тариқ, тибқи ин андешаи Афлотун, зан як занҷири пайвасткунандаи давраи гузариши мард аз мартабаи поёнӣ ба мартабаи олии инсонӣ мебошад.

Пайрав ва мубаллиғи аз ҳама маъруфи низоми падаршоҳӣ ё мардсолорӣ Арасту мебошад, ки занонро бо мардон баробар намедонист. Арасту нисбат ба занон бо чашми таҳқир нигариста, хислатҳо ва сифатҳои инсонии онҳоро ноқису заиф мешуморид. Файласуф занонро барои ноқисии ақл, надоштани қобилияти тафаккури мантиқӣ ва хулосабарории оқилона айбдор карда, бо ҳамин далел онҳоро дар сохтори иерархии ҷаҳон дар зери мардон ҷой медод. Ба андешаи ӯ: «Зан бинобар надоштани сифатҳои муайян зан аст. Мо бояд гирифтори нуқсони табиӣ буданро хислати асосии зан ҳисоб кунем»[32].

Арасту энергияи ғайрифаъолонаи занонаро бо беназмӣ (хаос) айнияти дода, онро хоси зинаҳои поёнии иерархияи ҳастӣ медонад. Ягона нақши занон дар ҷомеа серфарзандӣ ва ягона арзиши занона - қобилияти зиёд кардани насл аз тариқи алоқаи ҷинсӣ мебошад. Мард, баръакс, шахсияти фаъолу масъулияттшинос, рӯҳест, ки ба кашфиётҳои нав мекӯшад[33].

Дар фасли сеюми боби якум - "**Таъсири ислом ба фалсафаи машшоияи шарқӣ доир ба мақоми иҷтимоии зан",** масоили марбут ба мақоми иҷтимоии зан дар сарчашмаҳои дини ислом ва таъсири он ба таълимоти машшоиёни шарқӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Яке аз сарчашмаҳои муҳимми таълимоти намояндагони мактаби фалсафии машшоияи шарқӣ ва умуман ҳамаи мутафаккирони асримиёнагии тоҷику форс дар бораи зан, ҳуқуқу вазифаҳо ва ҷойгоҳи иҷтимоии ӯ, дар баробари афкори динӣ-фалсафии бостонии Эрон ва Юнони Қадим, таълимоти Қуръону аҳодиси набавӣ ва сарчашмаҳои дигари шариати исломӣ мебошад. Дар ҳақиқат, баъди ҳуҷуми арабҳо ба Эрон ва Осиёи Миёна ва дар ин минтақа густариш ёфтани дини Ислом, дар партави таълимоти исломӣ тасаввурот ва андешаҳои динию фалсафӣ дар бораи моҳият ва ҳуқуқу вазифаҳои зан ба таҳаввулот ва дигаргуниҳо дучор

[32] Аристотель. О возникновении животных. М.-Л.: Изд-во Академии наук СССР, 1940. –С. 90.
[33] Воронина О.А. Гендер // Словарь гендерных терминов. М.: Информация XXI век, 2002. Аристотель. –С. 21.

омадааанд, ки ин ба вазъу мақоми иҷтимоии занон таъсири назаррас расонидааст. Маҳз ҳамин таъсири исломӣ мактаби машшоияи шарқиро аз дигар мактабҳои тоисломии эронию юнонӣ фарқ кунонида, ҳамчун як мактаби ақлгарои фалсафаи исломӣ низом бахшидааст.

Пеш аз зуҳури Ислом барои арабҳо мард будан мояи ифтихор ва зан будан мояи нангу шармандагӣ маҳсуб мешуд. Марде агар хабар меёфт, ки ҳамсараш духтар зоида аст, аракӣ шарму хиҷолат бар пешониаш ҷорӣ мегардид. Ҳамин буд, ки бархе арабҳо духтарони навзоди худро бераҳмона зинда ба гӯр мекарданд. Ин нукта дар Қуръони карим зикр шудааст[34].

Дар Қуръон оятҳои зиёде ба назар мерасанд, ки тибқи мазмуни онҳо ҳамаи инсонҳо, чи мард, чи зан, дар пешгоҳи Худо баробаранд. Худованд дар Қуръон ҳамаи мардон ва зононро бо унвони «инсон» мухотаб қарор дода, мефармояд: «Эй мардум, ба дурустӣ, ки шуморо аз як мард ва як зан офаридем ва шуморо қавмҳо ва қабилаҳо сохтем, то бо якдигар шинос шавед! Ҳароина гиромитарин шумо назди Худо парҳезгортарини шумо аст. Худо Донои Хабардор аст»[35].

Барои ташхиси назари ислом ба мақоми зан ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ дар баробари таваҷҷуҳ ба матни Қуръону ҳадис, ошноӣ бо таълимоти фақеҳони мусулмон низ зарур мебошад. Дар фиқҳи исломӣ ба ҳамаи саволҳое, ки дар ин замина матраҳ мешаванд, монанди масъалаи мероси зан ва мард, муқаррароти издивоҷ, теъдоди ҳамсарон, ҳаққи талоқ ва амсоли он, бо такя ба таълимоти Қуръон ва аҳодиси набавӣ, посух дода шудааст. Мавриди зикр аст, ки дар муқоиса ба дигар мазҳабҳои исломӣ дар танзими муносибатҳои оилавӣ ва таъйини ҳуқуқу озодӣ, вазифаю масъулият ва мақоми иҷтимоии зан аз ҳама бештар мазҳаби ҳанафӣ саҳм гузоштааст.

Аз таҳқиқи таълимоти Қуръону аҳодиси набавӣ ва осори фақеҳони мазҳаби ҳанафӣ чунин натиҷа гирифтан мумкин аст, ки Худованд дар се арса зононро мавриди икрому эҳтиром қарор додааст:

1.дар арсаи инсонӣ: зан ба мисли мард инсони гиромӣ ва мавриди эҳтиром аст;

2. дар арсаи иҷтимоӣ: зан мисли мард метавонад аз гаҳвора то гӯр илм ҷӯяд ва ба тадрис машғул шавад;

3.Дар арсаи ҳуқуқӣ: зани болиғ мисли марди болиғ ҳаққи моликият ва тасарруфи комил дар амволи худ мебошад.

Боби дуюми диссертатсия, ки аз се фасл иборат аст, “**Мақоми зан дар фалсафаи машшоияи шарқӣ**” унвон гирифтааст.

Дар фасли якуми ин боб, ки “**Хусусияти инсонмеҳваронаи таълимоти Абӯнасри Форобӣ дар бораи зан ва мақоми он дар ҷомеа”** ном гирифтааст, таъкид мешавад, ки бештари мутафаккирони мусулмон дар таҳлилу

---

[34] сураи Таквир, оёти 1-9.

[35] сураи Ҳуҷурот, ояти 13. Қуръони карим. Матни тарҷумаи тоҷикӣ ва тавзеҳоти М. Умаров. – С. 517.

таҳқиқи масоили марбут ба мақому ҳуқуқ ва озодиҳои зан ва тафовуту монандиҳои зану мард бештар ба таълимоти файласуфони юнонӣ, ба вижа Афлотун ва Арасту такя мекунанд. Аз ҷумла, Форобӣ бо пайравӣ аз ҳикмати Афлотун шахсияти занро аз мавқеи инсонмадорӣ ва фазилатмеҳварӣ тавсиф намуда, омили ҷинсиятро дар таъйини мақом ва нақши иҷтимоии зан рад мекунад.[36]

Форобӣ бештари баҳсҳои худро дар бораи ҷойгоҳи занон дар ҷаҳорчӯбаи таълимоташ оид ба «мадинаи фозила» матраҳ кардааст. Вай дар пайравӣ ба андешаи сиёсии Арасту ва дигар файласуфони юнонӣ, низоми сиёсии ҷадидеро поягузорӣ карда, зимнан, дар бораи ҳуқуқи роҳбарон, хидматгорон, занон ва гурӯҳҳои дигари афроди тобеи ин низом изҳори ақида намудааст. Тафовути асосии андешаи сиёсии Форобӣ аз афкори сиёсии Арасту дар он аст, ки низоми сиёсии Арасту – як низоми мардсолорӣ (патриархалӣ) мебошад, яъне дар он зимоми умури тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ дар дасти мардон қарор дорад, аммо “мадинаи фозила”-и Форобӣ бар асоси ҳамкории якҷояи сиёсию иҷтимоӣ ва динии мардону занон таъсис ёфта, мақсад аз ҳамкориҳо касби фазилат, таҳкиму такмили қобилияту тавоноиҳои инсон ҳамчун махлуқи иҷтимоӣ мебошад.

Барои дурусттару амиқтар дарк кардани нуқтаи назари ин мутафаккири асримиёнагӣ нисбат ба занон таҳқиқи назарияи ӯ дар бораи “мадинаи фозила” зарур мебошад. Форобӣ сиёсатро ҳамчун унсури ҳаётӣ ва танзимкунандаву суботбахши муносибатҳои иҷтимоӣ дар мадинаи фозила шарҳ дода, зимни таъйини омилҳои ҳаёти иҷтимоӣ аз зарурату ниёзмандии фитрии инсон ба такомули моддӣ ва маънавӣ сухан ба миён меорад: «Инсон наметавонад ба танҳоӣ ва бидуни кумаки дигарон, ба ҳама камолоти моддӣ ва маънавии худ ноил шавад»[37], яъне, камолоти моддӣ ва маънавии ҳар инсон танҳо тавассути иҷтимоишавӣ имконпазир мегардад.

Ба андешаи Форобӣ, ҷинсият, мард ё зан будани фард дар чигунагии вазъу мақоми иҷтимоии ӯ ҳеҷ гуна нақши муассире надорад ва дар “мадинаи фозила” ба вазифаву мақоми гуногун расидани афродро мутафаккир ба сатҳи донишу фарҳанги онҳо вобаста медонад.

Аз нуқтаи назари Форобӣ , мард ва зан, агарчи дар доштани ду неру: хашм ва меҳрубонӣ, аз якдигар фарқ дошта бошанд ҳам, чаро ки зан дар неруи хашм аз мард нотавонтар ва дар неруи меҳр аз вай тавонотар аст, вале ҳар ду дар неруҳои ҳиссӣ, тахайюлӣ ва ақлӣ шабеҳи ҳамдигаранд, аз ин рӯ, ҷойгоҳи онҳо дар мадинаи фозила баробар аст. Дар воқеъ, ин андешаи Форобӣ, ки зан ва мард танҳо дар неруи хашм ва меҳр аз якдигар фарқ мекунанд ва бо ҳам баробар нестанд, аммо дар се қувваи дигар: тахайюлу ҳис ва ақл, бо ҳам баробаранд ва билқувва имкони расидан ба

---

[36] Аль-Фараби. Указание пути к счастью // Аль-Фараби. Социально-этические трактаты. – Алма-Ата. 1973. – с. 196.

[37] Аль-Фараби. Трактат о взглядах жителей добродетельного города //Аль-Фараби. Философские трактаты. – Алма-Ата, 1972. – с. 229

фазилату саодати инсониро доранд, комилан дурусту мантиқӣ буда, моҳияти хушбинонаву прогрессивона доштани андешаи ин мутафаккири беназирро дар бораи мақому нақши иҷтимоии зан собит менамояд.

Хулоса, ба андешаи Форобӣ, зиндагии иҷтимоӣ барои инсон амри заруриест, ки аз хонавода шурӯъ мешавад. Дар фалсафаи сиёсию иҷтимоӣ ва таълимоти инсоншиносии Форобӣ мафҳуму истилоҳоти ифодакунанда ё таъкидкунадаи ҷинсияти фард хеле камтар мушоҳида мешавад. Ӯ дар асарҳои фалсафии худ бештар вожаҳои «нос», «аҳл – ул -мадина» ва бархе вожаҳои дигареро ба кор бурдааст, ки онҳо дорои мафҳумҳои куллӣ буда, ҳам мард ва ҳам занро фаро мегиранд. Ба андешаи мутафаккир, ҷинсият дахолате дар инсоният надорад, вале ин ба маънои нодида гирифтани тавоноиҳо дар арсаи фаъолият ва мушорикати иҷтимоӣ нест. Дар ҳаракат ва рушду такомули ҷомеа ҳар фард бояд бар ҳасби истеъдод ва тавоноии худ масъулиятпазир бошад.

